# 6. ҚАТЪНОМАИ 67/204 – БАРГУЗОРИИ СОЛИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ОБ, СОЛИ 2013

Қатъномаи 67/204, ки 21 декабри соли 2012 аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид, оғози марҳалаи нави такомули рӯзномаи ҷаҳонии об ба шумор меравад. Дар он таваҷҷуҳи асосӣ на танҳо ба пешбурди истифодаи оқилонаи захираҳои об, балки ҳамчунин ба ташаккули механизмҳои муассири ҳамкории байналмилалӣ дар ин соҳа равона гардида буд.

Ин ҳуҷҷат идомаи мантиқии қатъномаи 65/154 мебошад, ки бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013-ро Соли байналмилалии ҳамкории об эълон карда буд. Аммо, агар қатъномаи қаблӣ бештар хусусияти рамзӣ дошта бошад, қатъномаи 67/204 бошад, ба пурра кардани ин ташаббус бо мундариҷаи амалӣ равона гардида, сафарбарсозии ҷомеаи байналмилалӣ, фаъолсозии равандҳои илмию таҳсилотӣ, инчунин таҳкими платформаҳои институтсионалии муколама ва ҳамкориро дар назар дошт.

Яке аз андешаҳои асосии ин қатънома шинохти он буд, ки об на танҳо захираи ҳаётан муҳим аст, балки унсуре низ мебошад, ки метавонад ҳам давлатҳоро муттаҳид созад ва ҳам дар сурати набуди ҳамкорӣ сабаби мунокиша гардад. Бо дарназардошти афзоиши камбуди ҷаҳонии об, хусусияти фаромарзии ҳавзаҳои дарёҳо ва шиддатёбии таъсири тағйирёбии иқлим, зарурати ташаккули шаклҳои муассири дипломатияи об ба таври возеҳ эҳсос мегардид. Дар ин замина, қатъномаи 67/204 қолаберо муайян намуд, ки тибқи он Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об бояд ба платформаи густариши муколама, таҳкими эътимод ва таҳияи стратегияҳои нави ҳамкории давлатҳо табдил ёбад.

Пешниҳоди қатънома оид ба амалисозии Соли байналмилалии ҳамкории об бахше аз сиёсати хориҷии ҳадафмандонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон буд, ки ба таҳкими нақши байналмилалии кишвар дар соҳаи рушди устувор ва дипломатияи об нигаронида шуда буд. То он вақт, Тоҷикистон аллакай ҳамчун иштирокчии фаъоли рӯзномаи ҷаҳонии об мавқеи устувор пайдо карда буд, яъне аз ташаббуси «Соли байналмилалии оби тоза, 2003» сар карда, бо «Даҳсолаи амал «Об барои ҳаёт» (2005-2015)» идома дод.

Қатъномаи 67/204 на танҳо идомаи талошҳои қаблӣ буд, балки ҳамчунин инъикосгари иродаи Тоҷикистон гардид, ки ташаббусҳои рамзиро ба воситаҳои воқеии институтсионалӣ табдил диҳад. Дар доираи чунин равиш, аҳамияти махсус ба таҳия ва баргузории конференсияҳои байналмилалӣ, муколамаҳои минтақавӣ, форумҳои ҷавонон ва ҷаласаҳои байниидоравӣ дода шуд, ки ҳадафашон ташкили платформаҳои устувори ҳамкорӣ миёни давлатҳо, бахусус дар минтақаҳои дорои камбуди захираҳои об буд.

Қатъномаи 67/204 як қатор тавсияҳои мушаххасро барои амалисозии самараноки вазифаҳои Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об дар бар гирифтааст:

- даъват ба давлатҳои аъзо, сохторҳои низоми СММ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва ғайриҳукуматӣ ҷиҳати мусоидат ба баргузории чорабиниҳое, ки ҳамкории обиро тақвият мебахшанд;
- таҳияи барномаҳои миллӣ, курсҳои таълимӣ ва маъракаҳои иттилоотӣ доир ба мавзуи об ҳамчун ҷузъи рушди устувор ва сулҳ;
- таҳкими нақши ЮНЕСКО ҳамчун ҳамоҳангсози асосии Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, аз ҷумла дар мусоидат ба мубодилаи илмӣ ва муколамаи байналмилалӣ;
- густариши иштироки ҷавонон, занон, доираҳои илмӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ дар шаклдиҳии сиёсати обӣ;
- ворид кардани технологияҳои нав дар соҳаи таъмини об, мониторинги захираҳо ва идораи муштараки ҳавзаҳои фаромарзии об.

Дар Қатънома аҳамияти махсус ба робитаи захираҳои об бо соҳаҳои дигар, ба монанди энергетика, амнияти озуқаворӣ, тағйирёбии иқлим, идораи шаҳрӣ ва санитария дода шудааст. Ин равиш ба дарки об ҳамчун унсури низомсози рушди устувор мусоидат намуд.

Иҷрои қатъномаи 67/204 боиси фаъолшавии равандҳои ҳамкории минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гардид. Соли 2013 дар бисёр кишварҳои ҷаҳон ҳафтаҳои миллӣ оид ба масъалаҳои об, намоишгоҳҳо, муколамаҳои сатҳи олӣ, симпозиумҳои илмӣ ва форумҳои байниҳукуматӣ баргузор шуданд. Аз ҷумла, **Конференсияи байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи об дар шаҳри Душанбе (августи соли 2013),** ки беш аз 100 давлат ва созмонҳои байналмилалиро гирд овард, ҳамчун нуқтаи авҷ ва платформаи муҳими таҳкими минбаъдаи дипломатияи обӣ шинохта шуд.

Ба шарофати ин Қатънома ва иқдомҳои минбаъда, масъалаи об дар рӯзномаи Созмони Милали Муттаҳид дар давраи баъд аз соли 2015 мақоми авлотар пайдо кард. Маҳз натиҷаи ҳамин равандҳо буд, ки дар сохтори нави Ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) ҳадафи ҷудогона **– ҲРУ 6: «Таъмини дастрасӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об ва санитария барои ҳама»** ворид гардид.

Ҳамин тариқ, қатъномаи 67/204 на танҳо ба пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии об, балки ба таҳкими пояҳои ҳуқуқӣ ва сиёсӣ барои ҳамкорӣ дар ин соҳаи стратегӣ мусоидат намуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ташаббускори ин қатънома, боз ҳам нақши пешсафии худро дар ташаккули фарҳанги дипломатияи об ҳамчун воситаи муҳимми сулҳ, рушди устувор ва ҳамбастагӣ тасдиқ намуд.

## Маҷмаи Умумӣ

Distr.: General
27 February 2013

**Иҷлосияи шасту ҳафтум**
Банди 20 *а* барномаи рӯз

### Қатънома, ки аз тарафи Маҷмаи Умумӣ 21 декабри соли 2012 қабул гардидааст

*[аз рӯи маърӯзаи Кумитаи дуюм (A/67/437/Add.1)]*

### 67/204. Баргузории Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, соли 2013

*Маҷмаи Умумӣ,*

бо истинод ба қатъномаи 47/193 аз 22 декабри соли 1992 дар бораи баргузории Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об, қатъномаи 55/196 аз 20 декабри соли 2000, ки дар он соли 2003 Соли байналмилалии оби тоза эълон шудааст, қатъномаи 58/217 аз 23 декабри соли 2003, ки дар он давраи солҳои 2005-2015, аз Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об 22 марти соли 2005, Даҳсолаи байналмилалии амал "Об барои ҳаёт" эълон шудааст, қатъномаи 59/228 аз 22 декабри соли 2004, қатъномаи 61/192 аз 20 декабри соли 2006, ки дар он соли 2008 Соли байналмилалии беҳдошт эълон карда шуд, қатъномаи 64/198 аз 21 декабри соли 2009 дар бораи баррасии миёнамуҳлати ҳамаҷонибаи чараёни гузаронидани Даҳсола, ва қатъномаи 65/154 аз 20 декабри соли 2010, ки дар он соли 2013 Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи он эълон шудааст,

бо ишора ба қатъномаи 64/292 аз 28 июли соли 2010 дар бораи ҳуқуқи инсон ба об ва беҳдошт,

бо ишора ба қатъномаи 15/9 Шуро оид ба ҳуқуқи инсон аз 30 сентябри соли 2010[1] ва 21/2 аз 27 сентябри соли 2012[2],

бо ишора ба қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ аз 25 июли соли 1980 дар бораи солҳо ва солгардҳои байналмилалӣ ва қатъномаи Маҷмаи Умумӣ 53/199 аз 15 декабри соли 1998 ва 61/185 аз 20 декабри соли 2006 дар бораи эълони солҳои байналмилалӣ,

бо истинод ба эъломияи Рио-Де-Жанейро оид ба муҳити зист ва рушд[3] ва тамоми принсипҳои он, муқаррароти Рӯзномаи асри XXI[4], Барномаи амал

*1 Ниг. ба ҳисоботи расмии Маҷмаи Умумӣ, Иҷлосияи 65-ум, Замимаи № 53А (A/65/53/Add.1), боби. II*
*2 Дар ҳамон ҷо, Иҷлосияи шасту ҳафтум, замимаи № 53А (A/67/53/Иловаи 1), боби. III*
*3 Ҳисоботи Конфронси Созмони Милали Муттаҳид оид ба муҳити зист ва рушд, Рио-де-Жанейро, 3-14 июни 1992, ҷ. I, Қарорҳои қабулкардаи Конференсия (нашри Созмони Милали Муттаҳид, Фурӯш № E.93.1.8 ва ислоҳот), қатъномаи 1, замимаи I*
*4 Ҳамон ҷо, Замимаи II.*

оид ба татбиқи минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI, ки дар иҷлосияи нуздаҳуми махсуси он қабул шудааст[5], Эъломияи Йоханнесбург оид ба рушди устувор[6]4, Нақшаи иҷрои қарорҳои Вохӯрии сатҳи олии ҷаҳонӣ оид ба рушди устувор ("Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург")[7], ҳуҷҷати ҷамъбастии Ҷаласаи умумии сатҳи ассамблеяҳо оид ба ҳадафҳои рушд, ки дар Эъломияи ҳазорсола[8] таҳия шудаанд, ва ӯҳдадориҳои дар он муқарраршуда, ва ҳуҷҷати ҷамъбастии Конференсияи Созмони милали муттаҳид оид ба рушди устувор таҳти унвони «Ояндае, ки мо мехоҳем»[9],

махсусан қайд карда, ки захираҳои об барои рушди устувор, аз ҷумла ҳифзи муҳити зист ва рафъи камбизоатӣ ва гуруснагӣ, барои таъмини саломатӣ ва некӯаҳволии одамон комилан муҳиманд ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушд, ки дар эъломияи ҳазорсола ва ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ таҳия шудаанд, аҳамияти аввалиндараҷа доранд,

бо назардошти муҳимияти ҳамкорӣ дар ҳама сатҳҳо барои ноил гаштан ба ҳадафҳои дар сатҳи байналмилалӣ мувофиқашуда дар самти рушди вобаста бо захираҳои об ва беҳдошт, аз ҷумла  дар Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид[10] ва Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург,

бо ишора ба баргузории 12-17 марти соли 2012 Форуми шашуми ҷаҳонии об дар Марсели Фаронса,

инчунин ба давраи гузаронидани Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об рост омадани бистумин солгарди Рӯзи байналмилалии захираҳои обро қайд карда,

1. фаъолияти марбут ба баргузории Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи обро дастгирӣ менамояд, ки аз ҷониби давлатҳои аъзо, Котибот ва ташкилоти Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла дар самти корҳои байниидоравӣ, инчунин саҳми гурӯҳҳои асосӣ, ва аҳамияти гузаронидани Солро дар сатҳи кишварҳо махсус қайд мекунад;

2. ба ҳамаи давлатҳои аъзо, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ва ҳамаи ҷонибҳои дигар тавсия медиҳад, ки аз гузаронидани Сол чунин истифода баранд, ки дар ҳама сатҳҳо, аз ҷумла дар мавридҳои муносиб, дар самти ҳамкории байналмилалӣ, амалҳоро, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ равон шудаанд, ва дар Рӯзномаи асри XXI[4], Барномаи амал оид ба татбиқи

---

[5] *Қатъномаи S-19/2, замима*

[6] *Ҳисоботи  Саммити умумиҷаҳонӣ оид ба рушди устувор, Йоханнесбург, Африқои Ҷанубӣ, 26 август – 4 сентябри 2002 (нашри Созмони Милали Муттаҳид, Фурӯши № E.03.P.A.1 ва тасниф), боби. I, қарори 1, замима*

[7] *Ҳамон ҷо, қатъномаи 2, замима*

*8 Ниг. қатъномаи 65/1*

*9 Қатъномаи 66/288, замима*

[10] *Қатънома 55/2*

минбаъдаи Рӯзномаи асри XXI[5], Эъломияи ҳазорсолаи Созмони Милали Муттаҳид[10], Нақшаи иҷрои қарорҳои Йоханнесбург[7] ва ҳуҷҷати ҷамъбастии Конференсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба рушди устувор таҳти унвони "Ояндае, ки мо мехоҳем"[9] дарҷ гардидаанд, тарғибу ташвиқ намоянд;

3. пешниҳоди ҳукумати Тоҷикистонро барои ба сифати мизбони конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳамкорӣ дар самти об будан, ки дар моҳи августи соли 2013 дар Душанбе баргузор хоҳад гашт, истиқбол менамояд;

4. ба Раиси Маҷмаи Умумӣ пешниҳод мекунад, ки 22 марти соли 2010 дар Ню-Йорк дар Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об дар доираи иҷлосияи шасту ҳафтуми Маҷмаи Умумӣ муколамаи интерактивии сатҳи баланд бахшида ба Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об ва бистумин солгарди эълони Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об ташкил карда шавад;

5. баргузории чорабинии расмиро оид ба Рӯзи ҷаҳонии захираҳои об санаи 22 марти соли 2013 дар Гаага, ки ба мавзуи Сол - "Ҳамкорӣ дар соҳаи об" бахшида шудааст, истиқбол менамояд;

6. аҳамияти ҷалби ҳама ҷонибҳои манфиатдори дахлдор, аз ҷумла занон, кӯдакон, пиронсолон, маъюбон, аҳолии бумӣ ва дигар намояндагони аҳолии маҳаллиро дар гузаронидани Сол дар ҳама сатҳҳо таъкид мекунад;

7. ба мақомоти дахлдори Созмони Милали Муттаҳид, муассисаҳои махсусгардонидашуда, комиссияҳои минтақавӣ ва дигар ташкилоти Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод менамояд, ки дар омодасозии конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар Душанбе саҳмгузор бошанд ва аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки барои конфронси зикршуда маълумотнома дар бораи ҳамкорӣ дар самти об омода кунад;

8. ба Дабири кул пешниҳод менамояд, ки дар ҳамкорӣ бо шабакаи "СММ - захираҳои об" ва дигар ташкилоти мувофиқи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид барои дастгирии гузаронидани Сол дар тамоми ҷаҳон чораҳои зарурӣ андешад;

9. аз Дабири кул хоҳиш мекунад, ки дар ҷаласаи шасту нуҳуми Маҷмаи Умумӣ дар бораи татбиқи ин қатънома ва қатъномаи 65/154 "Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об", бо овардани маълумот дар бораи баҳодиҳии Сол мувофиқи принсипҳои маъмурӣ, ки дар замимаи қатъномаи 1980/67 Шурои иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ дарҷ гардидаанд, гузориш диҳад.

*Ҷаласаи 61-уми пленарӣ,*

*21 декабри соли 2012*